**КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Ш. Ҳусейнзода 36, тел: (992 37) 221-88-53, факс: (992 37) 223-02-00,
Сомонаи интернетӣ: www.tajsohtmon.tj, почтаи электронӣ: info@tajsohtmon.tj

# ФАРМОИШ

аз «03» августи соли 2020 №89/ф ш. Душанбе

## Дар бораи комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Мутобиқи банди 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст, ҷиҳати иҷрои талаботи банди 2.4.14. нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият таъсис дода шавад.
2. Низомнома, нақшаи чорабиниҳо ва ҳайати комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).
3. Комиссияи байниидоравӣ маводҳои вобаста ба гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбиятро омода намуда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани чорабинии мазкур тадбирҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода

Замимаи 1

Бо фармоиши раиси Кумитаи
меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «03» августи соли 2020,
№89/ф тасдиқ шудааст

Низомномаи
гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас
байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои
қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур тартиби ташкил ва гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбиятро (минбаъд озмун) муайян менамояд.

1.2. Озмун бо мақсади иҷрои талаботи банди 2.4.14. «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст, баргузор карда мешавад.

1.3. Муттасадии баргузории озмун - Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти ҷамъиятии «Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон» шарикони баргузории озмун мебошанд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои баргузории озмун

2.1. Мақсади баргузории озмун аз инҳо иборат мебошад:

- ҷалб намудани диққати роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва ҷамъият ба масъалаҳои муҳити дастрас;
- ташаккули рӯҳияи таҳаммулпазирӣ дар байни шаҳрвандон нисбат ба шахсони имконияташон маҳдуд;
- баланд бардоштани муҳити дастрасии иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ.

2.2. Вазифаҳои озмун чунинанд:

- муайян ва дар назди омма эълон намудани беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони имконияташон маҳдуд;
- паҳн намудани таҷрибаи мусбии фармоишгарон ва пудратчиёни фаъолияти шаҳрсозӣ оид ба фароҳам овардани шароит барои дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд ба бино ва иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ;

- баланд бардоштани салоҳияти роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ба масъалаҳои фароҳам овардани муҳити дастрас;

- ҷалби диққати ҷомеа ва васоити ахбори омма ба масъалаҳои фароҳам овардани муҳити дастрас.

## 3. Номинатсияи озмун

3.1. Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:

- «Беҳтарин бинои истиқоматии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- «Беҳтарин иншооти ҷамъиятии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- «Беҳтарин иншооти истеҳсолии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- «Беҳтарин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар таъмини муҳити дастрас»;
- «Беҳтарин фармоишгари фаъолияти шаҳрсозӣ дар таъмини муҳити дастрас».

## 4. Ваколат, вазифа ва тартиби фаъолияти комиссияи байниидоравӣ

4.1. Ҳайати комиссияи байниидоравӣ дар доираи низомномаи мазкур фаъолият намуда, вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- ташкил ва ҷамъбасти озмун;
- аз байни иштирокчиёни озмун интихоби беҳтарин иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони имконияташон маҳдуд;
- ҳангоми зарурат барои баррасӣ ва интихоби беҳтарин муҳити дастрас ҷалб намудани коршиносони соҳа;
- баррасии ҳолатҳои баҳсӣ ва муроҷиатҳои иштирокчиёни озмун;
- муайян кардани нишондиҳандаи баҳодиҳии талаботи озмун;
- танзими раванди ҳавасмандгардонии ғолибони озмун;
- мукофотонидани ғолибони озмун.

## 5. Иштирокчиёни озмун

5.1. Иштирокчиёни озмун инҳо мебошанд:

- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- дигар фармоишгарони фаъолияти шаҳрсозӣ.

## 6. Шартҳои иштирок дар озмун

6.1. Барои иштирок дар озмун бояд аз ҷониби довталаб дархост пешниҳод карда шавад, ки тартиби пешниҳоди он дар замимаҳои низомномаи мазкур оварда шудааст.

6.2. Довталабон дархости иштирок дар озмун ва дигар маводҳои заруриро ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо суроғаи 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Ш. Ҳусейнзода 36, тел: (992 37) 221-41-37; 227-77-60 ирсол менамоянд.

6.3. Дархостҳои иштирок дар озмунро, Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ менамояд.

6.4. Баррасии дархостҳо ва ҷамъбасти озмун ба салоҳияти Комиссияи озмун мансуб мебошад.

6.5. Дархости иштироки озмун маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- маълумот дар бораи иншооти сохтмонӣ, ки барои дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд мутобиқ карда шудаанд;
- муаррифии таҷрибаи фароҳам овардани шароит барои дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд ба иншооти сохтмонӣ.

6.6. Муҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар озмун, то санаи 1 ноябри соли 2020 муқаррар мегардад.

## 7. Нишондодҳои арзёбии ғолибони озмун

7.1. Иштирокчиёни озмун аз рӯи нишондодҳои асосии зерин арзёбӣ карда мешаванд:

- риояи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ оид ба дастрасии бино ва иншоот ба шахсони имконияташон маҳдуд;
- сохтмони оқилонаи роҳравҳо ва истифодабарии онҳо;
- истифодаи усулҳои алтернативии ҳалли масъалаҳои ҷойдошта оиди дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд ба бино ва иншоот.

## 8. Тартиби ташкил ва баргузории озмун

8.1. Маводҳои иттилоотӣ оид гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият дар «Рӯзномаи бинокорон», маҷаллаи илмӣ-оммавӣ ва фарҳангии «Меъморӣ» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) интишор карда мешаванд.

8.2. Озмун тибқи низомномаи мазкур, бо назардошти омӯзиши иншооти сохтмонӣ ба сифати мувофиқатии онҳо ба меъёрҳои муқарраргардидаи дастрасӣ сурат мегирад.

8.3. Дар ҷараёни баҳогузорӣ ва ҷамъбасти озмун истифодаи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдорорандаи соҳаи шаҳрсозии аввалиндараҷа арзёбӣ карда мешаванд.

8.4. Дар муддати 15 рӯзи тақвимӣ пас аз ба охир расидани муҳлати қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун, аз ҷониби комиссияи байниидоравӣ ҷадвали санҷиши бевоситаи иншооти сохтмонӣ, ки барои иштирок дар озмун дархост додаанд, таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

8.5. Ташрифи бевоситаи иншооти сохтмонӣ, ки барои иштирок дар озмун дархост додаанд, бо мақсади арзёбии далелҳое, ки дар дархости озмун муайян гардидааст, амалӣ карда мешавад.

8.6. Қабл аз 10 рӯзи ташрифи комиссияи байниидоравӣ ба иншооти сохтмонӣ, ба фармоишгари иншоот дар бораи санаи ташриф мактуби расмӣ ирсол карда мешавад.

8.7. Ташрифи бевоситаи иншоот, дар худ масъалаҳои арзёбии нишондодҳои дастрасиро дар бар мегирад.

8.8. Комиссияи байнидоравӣ дар муддати то 10 рӯзи тақвимии ба охир расидани санҷиши бевоситаи иншооти сохтмонӣ, ҷаласа баргузор намуда, дархостҳои озмун ва натиҷаи санҷиши бевоситаи иншоотҳоро баррасӣ менамояд. Аз рӯи натиҷаи баррасии маводҳо, рӯйхати пешакии ғолибони озмун муайян карда мешавад.

8.9. Ғолибони озмун дар асоси баҳогузорӣ аз рӯи маводҳои пешниҳодшуда, муайян карда мешавад.

## 9. Ҳавасмандкунӣ ва мукофотонии ғолибони озмун

9.1. Иштирокчиёни озмун, ки баҳоҳои беҳтаринро аз рӯи ҷамъи нишондодҳо соҳиб мегарданд, мукофонида мешаванд:

- бо диплом, барои «Беҳтарин бинои истиқоматии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- бо диплом, барои «Беҳтарин иншооти ҷамъиятии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- бо диплом, барои «Беҳтарин иншооти истеҳсолии ҷавобгӯ ба талаботи амалкунанда оид ба фароҳам овардани муҳити дастрас»;
- бо диплом, барои «Беҳтарин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар таъмини муҳити дастрас»;
- бо диплом, барои «Беҳтарин фармоишгари фаъолияти шаҳрсозӣ дар таъмини муҳити дастрас».

9.2. Чорабинии ҳавасмандкунӣ ва мукофотонии ғолибони озмун дар маҷлиси тантанавӣ, бо иштироки намояндагони фармоишгарон, ташкилотҳои лоиҳакашӣ, сохтмонӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ амалӣ карда мешавад.

9.3. Чорабинии ҳавасмандкунӣ ва мукофотонии ғолибони озмун тариқи васоити ахбори омма сабт карда шуда, дар назди омма эълон карда мешаванд.

## 10. Талабот ба ороиши маводҳои намоишӣ

10.1. Ғолибони озмун дар рӯзи баргузории маъракаи мукофотсупорӣ маводҳои намоиширо пешниҳод менамоянд, ки ба онҳо талаботҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- тавзеҳномаи муфассал оиди иншооти сохтмонӣ дар ҳаҷми як варақ;
- маводҳои графикии иншоот (аксҳо, лоиҳаи ангоравӣ ва ғайра);
- нақшаҳои тарҳи намо ва дохили иншоот;
- маводҳои намоишӣ дар шакли буклет ва шакли электронии онҳо;
- лоиҳаҳои ҳалли масълаҳои дастрасӣ дар андозаи 800х1200 мм;
- дигар усулҳои намоишӣ мувофиқ ба хоҳиши иштирокчиёни озмун, дар мувофиқа бо комиссияи байниидоравӣ.

Замима
Ба низомномаи гузаронидани озмун барои
беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба
стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ
намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Номгӯйи
маводҳое, ки барои иштирок дар озмун барои беҳтарин муҳити дастрас
байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани
талаботи шахсони дорои маъюбият пешниҳод карда мешаванд

1. Мактуби ба дархост ҳамроҳикунанда.
2. Дархост дар ҳаҷми ____ саҳифа.
3. Акси иншоот.
4. Маълумоти мухтасар оид ба ҳалли масъалаҳои дастрасии дар иншооти сохтмонӣ ба назар гирифташуда (сохтмони пандус, лифт барои маъюбон, аломатҳои ишоравӣ ва ғайра).

Замима
Ба низомномаи гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Мактуби ҳамроҳикунанда дар муқоваи расмӣ

Ба Кумитаи меъморӣ ва
сохтмони назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______________________________________________ дархост барои
(номгӯйи мақомот)
иштирок дар озмун ва маводҳои ба он замимагардидаро барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

Бо шарту талаботҳои баргузории озмун шинос ҳастем ва бо онҳо розӣ мебошем.

Эътимоднокии маълумотҳои ба озмун пешниҳодшударо тасдиқ мекунем.

(Вазифа) (имзо) (Ному насаб)

Замима
Ба низомномаи гузаронидани озмун барои
беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба
стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ
намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Варақаи унвонӣ

Озмун
барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ
ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Номинатсия
«_______________________________________________________________»
(номгӯйи номинатсияи озмун)

Душанбе – 2020 с.

Замима
Ба низомномаи гузаронидани озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Дархост
барои иштирок дар озмун барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

Дархосткунанда______________________________________________
(ному насаб ё номгӯйи ташкилоту идора)
барои иштирок аз рӯи номинатсияи «_____________________________»
дархост пешниҳод менамояд. (номгӯйи номинатсия)

| | |
|---|---|
| **1. Маълумоти мухтасари иттилоотӣ дар бораи дархостдиҳанда** | |
| Номгӯйи иншоот | |
| Ному насаби роҳбар ё шахси ӯро ивазкунанда | |
| Маълумотҳо барои тамос (суроғаи почтавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи электронӣ) | |
| Ному насаби шахси мансабдор, ки ба масъалаҳои фароҳам овардани шароит барои шахсони имконияташон маҳдуд масъул мебошад (рақами телефон, суроғаи электронӣ) | |
| Ному насаби шахси мансабдор, ки барои омодасозии маводҳои озмун масъул мебошад (вазифа, рақами телефон, суроғаи электронӣ) | |
| Маълумот дар бораи ба истифода қабул шудани иншооти сохтмон | |
| Фармоишгари иншооти сохтмон (суроғаи почтавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи электронӣ) | |
| Ташкилоти лоиҳакашии иншооти сохтмон (суроғаи почтавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи электронӣ) | |
| Ташкилоти пудратии иншооти сохтмон (суроғаи почтавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи электронӣ) | |
| - Замима: | |
| 1. | Акси иншоот; |
| 2. | Маълумоти мухтасар оид ба ҳалли масъалаҳои дастрасии дар иншооти сохтмонӣ ба назар гирифташуда (сохтмони пандус, лифт барои маъюбон, аломатҳои ишоравӣ ва ғайра) |

Замимаи 3

Бо фармоиши раиси Кумитаи
меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «03» августи соли 2020,
№89/ф тасдиқ шудааст

Хайати
комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмун барои
беҳтарин муҳити дастрас байни иншооти ба стандартҳои дастрасӣ
ҷавобгӯ барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият

- Раҳматуллозода Шаҳноз Ибодулло - муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (раиси Комиссияи байниидоравӣ);
- Умаров Улуғбек Хуҷақулович - директори Корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раиси Комиссияи байниидоравӣ);
- Ниёззода Азизбек - сардори Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (котиби Комиссияи байниидоравӣ);
- Баротов Ҷамшед Тӯрахонович - сармутахассиси Раёсати ҳамоҳангсозии барномаҳо ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа);
- Бобошоев Фируз - мутахассиси пешбари шуъбаи озмоиши Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ёраков Фирӯз - сардори шуъбаи назорати давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (дар мувофиқа);
- Зикрихудоев Асадулло Додихудоевич - раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон» (дар мувофиқа);
- Қурбонзода Абдураҳмон Камол - сармутахассиси шуъбаи меъморӣ ва нақшаи генералии Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Файзуллоев Бахтовар - сардори шуъбаи истеҳсолӣ-техникии Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа);
- Рабиев Некруз Сафаралиевич – сардори шуъбаи таҳлил ва назорати Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ»-и мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе (дар мувофиқа);

- Шарифзода Муҳаммадшо Муносиб – мудири бахши экспертизаи давлатии шароити меҳнати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа);

- Шомирзоев Аъзам Мирмамадович - муовини директори Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа).